**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:**
Ректори Донишгоҳи омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
доктори илмҳои таърих, профессор
_________ Ибодуллозода А.И.
«__» _________ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Мунир Ватан, ки дар он баррасии масъалаҳои андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом ёфтааст, ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» мутобиқат дорад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.** Саҳми илмии довталаб Сафарзода Мунир Ватан барои таҳқиқоти диссертатсионии интихобнамудааш дар муайянсозии мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ амсила ва барномаи ташаккули рушди касбии омӯзгор-андрогог, қонуниятҳои сохтор, фаъолият ва рушди он аз мавқеи илми андрагогика дар низоми такмили ихтисос муайян ва такмил дода шудааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқот бо он арзёбӣ мегардад, ки омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии андрагогика, таҳияи механизми амалигардонии он дар низоми такмили таҳассуси кадрҳои педагогии ҷумҳурӣ дар партави омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ташаккули андрагогика ҳамчун як илми мустақил оид ба таълими калонсолон, омӯхтани амсилаҳои мавҷудаи андрагогии таълим ва таҳияи технологияи амалигардонии андрагогика дар низоми такмили ихтисос ва мураттаб кардани муқаррароти ибтидоии муносибатҳои методологӣ ба таълим рушд меёбад.

Дар диссертатсия вазъи воқеӣ ва роҳу усулҳои таълими калонсолон (омӯзгорон) дар низоми такмили ихтисос муайян гардида, таҳқиқоти назариявӣ ва мушкилоти таълими ғайрирасмӣ, сатҳи рушди назариявии проблема дар назария ва амалияи таълими омӯзгорон, муносибатҳои методологӣ ба рушди назарияи таълими ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос, тамоюлҳо ва омилҳое, ки ба тағйири низоми такмили ихтисос таъсир мерасонанд, вазъи кунунии таҳсилоти калонсолон, самтҳои стратегии раванди таҳсилоти калонсолон ва дар асоси он ҷанбаҳои назариявии таълими ғайрирасмӣ, таҳқиқоти назариявию озмоишӣ оид ба рушди назария ва методологияи таълими ғайрирасмӣ, барномаи озмоишӣ ва воситаҳои ташхиси он, равиши маҳаллӣ ва мунтазами мавқеи ҷузъи дидактикии таълими ғайрирасмӣ, таҷҳизоти дидактикӣ бар пояи маълумоти таҷрибавӣ, тавсияҳои амалии роҷеъ ба таълими ғайрирасмӣ ва дурнамои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи таълими ғайрирасмӣ барои калонсолон муайян ва мушаххас гардонида шудаанд.

Лозим ба ѐдоварист, ки Сафарзода Мунир Ватан дар рисолаи илмии худ асоснокии назариявӣ ва методологии ғояҳо ва пешниҳодҳоро нишон дода, истифодаи низоми муносибатҳои методологӣ оид ба рушди назарияи таълими ғайрирасмии омӯзгоронро баррасӣ намудааст. Муаллиф истифодаи маҷмӯи усулҳои иловагии таҳқиқотии мувофиқ ба ҳадаф, гипотеза, вазифа ва роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷударо қайд карда, асоснокӣ ва заминаҳои озмоишӣ, гуногунии усулҳо ва воситаҳои фаъолияти таҷрибавиро асоснок намудааст. Дар асоси муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи васеи такмили ихтисос дар низоми таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмии омӯзгорон тавсияҳои мушаххас пешниҳод намудааст. Маълумоте, ки муаллиф дар таҳқиқот ба даст овардааст метавонанд барои озмоиши васеъ ва татбиқи натиҷаҳои бадастомада дар амалияи педагогӣ дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, ошкор ва асоснок намудани ҷанбаҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони оянда дар раванди таҳлили адабиѐти педагогӣ ва психологӣ, муайян намудани моҳият, вазъи воқеӣ ва роҳу усулҳои таълими калонсолон (омӯзгорон) дар низоми такмили ихтисос таҳлилу таҳқиқи комил пайдо кардааст.

Сафарзода Мунир Ватан дар диссертатсияи худ мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро ба монанди: омӯзиши асосҳои назариявӣ

ва амалии андрагогика, таҳияи механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ, омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ташаккули андрагогика ҳамчун як илми мустақил оид ба таълими калонсолон, омӯхтани амсилаҳои мавҷудаи андрагогии таълим ва таҳияи технологияи амалигардонии андрагогика дар низоми такмили тахассус, мураттаб кардани муқаррароти ибтидоии муносибатҳои методологӣ ба таълими калонсолон, таҳия намудани муқаррароти асосии технологияи таълими калонсолон, рушди амсилаи фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог ва талаботи асосӣ ба салоҳияти андрагогро мавриди таҳқиқ ва пажӯҳиш қарор додааст. Тазаккур медиҳем, ки унвонҷӯй ба ҳалли масоил ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил ва комёб гаштааст.

Муаллиф дар диссертатсия фарзияи илмии таҳқиқотро воқеъбинона ва аз нигоҳи илмӣ-назарӣ пешбинӣ карда, чунин мешуморад, ки андрагогика дар сурате метавонад ҳамчун назарияи таълим рушд ёфта, барои беҳтар гардидани донишҳои тахассусии омӯзгорон мусоидат намояд, ки агар хусусиятҳои хоси таълими калонсолон дар робита бо асосҳои назариявӣ ва методологии илми андрагогика таҳқиқ гардида, роҳу усули мушаххаси фаъолияти ин қишри муҳимми ҷомеа коркард гардад; маҷмӯи мафҳумҳое, ки мазмуни андрагогиро тавсиф мекунанд, ошкор гардида, таҳаввули андешаҳо дар партави таълими калонсолон дар заминаи риояи асосҳои ҳуқуқӣ нишон дода шавад; масъалаҳои методологии рушди назарияи «таълими ғайрирасмӣ» оид ба назарияи фалсафӣ-антропологии иртибот ва муошират равшан карда шуда, амсилаи педагогии таълими калонсолон дар низоми такмили ихтисос санҷида ва дар таҷрибаи педагогии ин самти таҳсил роҳандозӣ гардад; ҷанбаҳои дидактикии таълими ғайрирасмӣ дар низоми рушди касбии омӯзгор-андрогог, қонуниятҳои сохтор, фаъолият ва рушди он аз мавқеи табиати илми андрагогика дар низоми такмили ихтисос муайян ва такмил дода шавад.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои зимни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишии анҷомдодаи унвонҷӯй Сафарзода Мунир Ватан аз он дарак медиҳад, ки фарзияҳои пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Андрагогика: ташаккул, хусусиятҳо ва асосҳои назариявӣ» ном дорад, муаллиф масъалаҳои пайдоиш ва ташаккули андрагогика (дар ин фасли диссертатсия хусусиятҳои пайдоиш ва ташаккули андрагогика шарҳу тавзеҳи худро ёфтааст), хусусиятҳои хоси таълими калонсолон (ин фасл аз баррасии хусусиятҳои хоси таълими

калонсолон иборат аст), асосҳои назариявии андрагогика ва заминаҳои ҳуқуқии таълими калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ин фаслҳои диссертатсия ба баррасии асосҳои назариявии андрагогика, хусусиятҳо ва заминаҳои ҳуқуқии он дар кишвари мо бахшида шудааст) мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Дар боби мазкур на танҳо мундариҷаи амсилаи пешниҳодшуда бо тартиби муайян гуруҳбандӣ карда шудааст, балки ҳар як қисму ҷузъи он шарҳу эзоҳ дода шуда, татбиқи он мушаххасан таъкид гардидааст.

Боби дуюми диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан ба масъалаҳои технологияи таълими калонсолон бахшида шудааст, ки дар он амсилаи ташкилӣ-фаъолиятии раванди таълим ва хусусиятҳои фаъолияти андрагогӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф дар ин боб хусусияти сохтории амсилаи ташкилӣ-фаъолиятии раванди таълимро шарҳу эзоҳ дода, дуруст қайд мекунад, ки он ба мазмун, манбаъ, шакл ва усулҳои таълим вобаста аст ва агар ҳамаи ин хусусиятҳо бо омузиш муайян карда шаванд, пас ин амсилаи педагогӣ мебошад. Дар ҳолате, ки донишандӯз онҳоро якҷоя бо омӯзгор амалӣ намояд, ин амсилаи андрагогии таълим ва омӯзиш аст. Ба ақидаи муаллиф технологияи таълим, аслан, ташкили раванди таълимӣ мебошад, ки он як низоми муайяни амалҳо ва ҳамбастагии онҳоро пешбинӣ мекунад, вале асосан унсурҳои фаъоли ҷараёни таълимро дар бар мегирад ва ислоҳоти раванди таълим дар ин марҳилаи таълими калонсолон ногузир буда, дар ин раванд коршиносон оид ба ислоҳоти раванди таълим тавсияҳо таҳия намуда, ҳамчун иштирокчиёни фаъоли фаъолияти муштараки таълимӣ баромад мекунанд ва бо ёрии барномаҳои таълимӣ то ҳадди имкон дар раванди ислоҳот ширкат меварзанд.

Аз ҷониби муҳаққиқ хусусиятҳои фаъолияти андрагогӣ ҳамчун хусусиятҳои хоси фаъолияти андрагоги баррасӣ шудаанд. Дар ин фасли диссертатсия фаъолияти омӯзгор-андрагог яке аз унсурҳои муҳими ташкили раванди таълим арзёбӣ гаштааст, ки дар он муҳаққиқ тафовути салоҳияти андрагогро аз фаъолият ва салоҳияти муаллим-омӯзгор ба таври мушаххас нишон додааст. Амсилаи фаъолияти андрагогро муаллиф чунин шарҳ медиҳад: андрагогҳо – мутахассисони соҳаи тавонбахшӣ, таълимӣ, ташкилӣ ва иттилоотӣ нигаронидашуда, кор бо калонсолон ва мутахассисони таълими калонсолон мебошанд. Кордонӣ ва маҳорати андрагогро муаллиф дар принсипҳои андрагогии таълим, амсилаи таълим, амсилаи кори омӯзгории андрагог, дониш, сифат, қобилият, маҳорат ва самтҳои асосии омӯзгор-андрагог, ки амсилаи салоҳиятро ифода мекунанд, мебинад ва

маҳорати андрагог-муаллимро дар асоси низоми донишҳои мушаххас барои азхуд кардан зарур мешуморад.

Дар боби сеюми диссертатсия муҳаққиқ масъалаҳои рушди назария, методика ва амалкарди мутақобилаи таълими расмӣ, ғайрирасмӣ ва информалиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар ин вобастагӣ муаллиф бархӯрдҳои методӣ ба мафҳуми «таҳсилоти ғайрирасмӣ» ва мақоми он дар низоми такмили ихтисос, ба низоми такмили ихтисос дохил намудани таҳсилоти ғайрирасмӣ, ҷанбаҳои дидактикии таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос, масъалаҳои методологии таҳияи назарияи падидаи таҳсилоти ғайрирасмӣ оид ба назарияи алоқаи дорои хусусияти фалсафӣ ва антропологиро шарҳу тавзеҳ додааст. Тавре муҳақиқ дуруст иброз доштааст, муносибатҳои нави маърифатӣ, дидгоҳҳои нави равишҳои таҳқиқотӣ дар бораи асосҳо ва методологияи ба даст овардани донишҳои нав ақидаҳои нав ба вуҷуд меоранд.

Оид ба рушди назарияи таълими ғайрирасмӣ сухан ронда, муҳаққиқ дар кори худ онро ба асос гирифтааст, ки назария (низом ѐ худ тартиб), маҷмуи донишҳои воқеӣ, тавсифи принсипҳо ва вазифаҳоеро, ки дар таҳқиқоти мазкур амалӣ гаштааст (Чиро? Дар куҷо ва чӣ тавр амалӣ кардед? Канӣ онҳо?), дар бар гирифтааст ва аҳамияти назарияи фалсафӣ ва антропологиро ба воситаи таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос дар соҳаи иҷтимоӣ ва таълими воқеӣ шарҳ додааст.

Муҳаққиқ равандҳои муносибати методологӣ, ки баррасии мундариҷаи мафҳуми таҳсилоти ғайрирасмиро ифода мекунанд ба таври зайл нишон додааст: муносибати шахсӣ-фаъолиятӣ (тарзи ташкили педагогӣ дар муҳити таҳсилоти ғайрирасмиро дар бар мегирад), муносибати контексуалӣ (заминаи мушаххас ѐ муҳити ташкилӣ), муносибати салоҳиятнокӣ (имконот ба ташаккул ва рушди салоҳиятҳо), муносибати муколамавӣ (хусусияти ҳамкорӣ ва муошират), муносибати иҷтимоию фарҳангӣ (тамоюл ба аҳамияти таҳсилоти ғайрирасмӣ дар давраи таърихӣ), муносибати гуманистӣ (имкони расонидани кӯмак ба субъект баҳри ноил шудани ҳадафҳои фардию шахсӣ ва манфиатҳои касбӣ бо назардошти хусусиятҳои фардию шахсии таълимгиранда), муносибати иттилоотӣ (баррасии дигаргуниҳои муҳити иттилоотӣ-касбӣ ва имконияти азхудкунии он аз ҷониби субъект), муносибати психологӣ (хусусиятҳои психологии рафтори таълимгирандаро дар шакли таҳсилоти ғайрирасмӣ таъкид мекунад), муносибати фаъолиятӣ (хусусияти фаъолияти субъектро дар муҳити таҳсилоти ғайрирасмӣ таъкид мекунад), муносибати низомӣ (имкон

медиҳад, ки ба таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми таҳсилот ба таври умумӣ муносибат намоем) ва муносибати андрагогӣ (имкон медиҳад, ки хусусиятҳои умумии хонандаи калонсол муайян карда шавад).

Боби чоруми диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан ба натиҷаҳои озмоиш оиди муайян кардани мавқеи таълими ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос ва натичаҳои таҷриба оид ба муқаррар намудани нақш ва мавқеи таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос бахшида шудааст, ки дар он маълумоти курсҳои такмили ихтисос дар ташкилоти таҳсилоти иловагии касбӣ ва нишондиҳандаҳои курсҳои такмили ихтисос барои таҳсилоти иловагӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ нишон дода шудаанд. Дар ин банд муаллиф мақсад гузоштааст, ки мундариҷаи курсҳои бозомӯзиро ҷиҳати муайян кардани мавқеи таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ таҳлил намояд ва ин корро хеле моҳирона анҷом додааст. Дар ин боб натиҷаҳои таҳлили амсилаҳо бо истифодаи воситаҳои навишторӣ, ки муҳаққиқ нишон додааст дар асоси парадигмаи тафсирӣ андешаҳои омӯзгорон оид ба таҳсилоти ғайрирасмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст ва ин имкон медиҳад, ки таҷрибаи амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии назарияи рушди таҳсилоти ғайрирасми ба назар гирифта шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалиро ба анҷом расонида, натиҷаҳои ба дастомада дар омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии андрагогика, таҳияи механизми амалигардонии он дар низоми такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мадад хоҳад расонд.

**Навгонӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия аввалин шуда, асосҳои илмӣ-назариявӣ ва методологии таҳқиқоти проблемаи асосҳои андрагогии таълим дар низоми соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон дода, натиҷаҳои таҳқиқ, ки заминаи назариявии андрагогикаи муосир ва таълими калонсолонро ташкил медиҳад, барои рушди минбаъдаи таҳқиқот дар соҳаи таълими калонсолон аҳамиятнок шуморидааст. Инчунин, муҳаққиқ давраҳои рушди таълими андрагогии калонсолонро муайян ва сохтори хронологии онро таҳия карда, заминаи назариявӣ бобати ташкили амалии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи

таҳсилоти ғайрирасмӣ ва андрагогикаро муайян кардааст. Дар иртибот ба ин, механизми омода намудани ҳайати кории илмӣ ва таълимӣ дар низоми такмили ихтисос ва азнавтайёркунии ҳайати педагогиро коркард ва амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог асоснок карда шуда, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, салоҳиятмандии педагогии ӯ муайян карда шудааст, ки мувофиқи ақидаи муаллифи диссертатсия ин усули фаъолияти андрагог аз салоҳияти анъанавии омӯзгор-педагог фарқ мекунад. Дар асоси ғояҳои бунёдӣ (назариявӣ) ва хулосаҳое, ки дар шакли таҷриба муҳаққиқ санҷидааст монография, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мақола ва фишурдаҳои илмӣ таҳия намудааст. Муҳаққиқ масъалаи методология, назария ва самтҳое, ки нақши таҳсилоти ғайрирасмиро дар низоми такмили ихтисос тавсиф мекунанд, муайян карда, дар асоси таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ консепсияҳои назариявии фазои консептуалии таълими ғайрирасмии кадрҳои педагогиро мураттаб кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти Сафарзода Мунир Ватан дар он ифода меёбад, ки муҳаққиқ тавассути озмоиш мафҳуми таҳсилоти ғайрирасмиро васеъ карда, дар ин замина таҳаввулоти ғояҳоро ошкор кардааст, ки баҳри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, то ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти ғайрирасмӣ муайян гардад ва бо такя ба назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират таҳсилоти ғайрирасмиро ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим баррасӣ кардааст. Муаллиф ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар таълими калонсолон пешбинӣ шудааст, дар назарияи таълими ғайрирасмӣ пешниҳод карда, ба сифати методологияи калидӣ истифода шудани назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират барои эҷоди ҷанбаҳои назариявии таълими ғайрирасмиро асоснок кардааст. Дар диссертатсия ҷузъҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ (робита, мақсад, мавзуи муошират, эҳтиёҷот ба муошират, ҳавасмандии коммуникативӣ, фаъолияти коммуникатсионӣ, вазифаҳои коммуникатсионӣ, воситаҳои алоқа, воситаҳои коммуникатсионӣ) муайян карда шуда, таҷзияи се гурӯҳи принсипҳо (андрагогӣ, эвтагологӣ, принсипҳои таҳсилоти инноватсионии муттасил) пешниҳод карда шудааст, ки он имкон медиҳад ҷанбаҳои методологии ташкилӣ ва ҳам дидактикии омӯзишро ҳамчун асос барои дониши нави назариявӣ дар таҳсилоти ғайрирасмӣ ба назар гирифта шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти

довталабро метавон дар таҳияи барномаи курсҳо ва семинарҳои махсус, системаи такмили таълими касбии омӯзгори оянда ва низоми такмили ихтисоси омӯзгорон истифода намуд.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ, психологҳо мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор ёфта, ҷанбаҳои назариявию амалии андрагогика, таҳияи механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан ва мушаххас гардидааст.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ, фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба мавзуъ таҳқиқот анҷом дода шудааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажуҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни курсҳои озмоишии муаллиф дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб мавриди истифодаи амалӣ қарор дода шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки солҳои 2017-2022 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ (шаҳрҳои Кӯлоб, Душанбе, Хуҷанд), семинарҳои омӯзишӣ оид ба андрагогика ва механизмҳои амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия (дар 61 интишороти муаллиф) дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд.

Дар асоси омӯзиши маъхазҳои илмӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллифи диссертатсия ба хулоса омадааст, ки андрагогика дар сурате метавонад ҳамчун назарияи таълим рушд ёфта, барои беҳтар гардидани донишҳои тахассусии омӯзгорон мусоидат намояд,

ки, агар хусусиятҳои хоси таълими калонсолон дар робита бо асосҳои назариявӣ ва методологии илми андрагогика таҳқиқ гардида, роҳу усули мушаххаси фаъолияти ин қишри муҳимми ҷомеа коркард гардад. Ҳамзамон, маҷмӯи мафҳумҳое, ки мазмуни андрагогиро тавсиф мекунанд, ошкор гардида, таҳаввули андешаҳо дар ин бора дар партави таълими калонсолон дар заминаи риояи асосҳои ҳуқуқӣ нишон дода шавад. Инчунин, масъалаҳои методологии рушди назарияи «таълими ғайрирасмӣ» оид ба назарияи фалсафӣ-антропологии иртибот ва муошират равшан карда шуда, амсилаи педагогии таълими калонсолон дар низоми такмили ихтисос санҷида ва дар таҷрибаи педагогии ин самти таҳсил роҳандозӣ гардад. Дар ҳамбастагӣ ба ин, ҷанбаҳои дидактикии таълими ғайрирасмӣ дар низоми рушди касбии омӯзгор-андрогог, қонуниятҳои сохтор, фаъолият ва рушди он аз мавқеи табиати илми андрагогика дар низоми такмили ихтисос муайян ва такмил дода шавад.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои баѐншудаи унвонҷӯй Сафарзода Мунир Ватан қавӣ ва боэътимоду аз нигоҳи илмӣ асосноканд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан мантиқи фикррони қобили қайд ва эътироф аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқоти дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва, ниҳоят, дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Автореферати диссертатсияи довталаб комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ буда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф таҷассум мекунад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ

нест ва фикр мекунем, ки қайд кардани онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар рисолаи илмӣ корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлили вазъият дар заминаи марказҳои таълими калонсолон ва филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ (Душанбе, Суғд ва Бадахшон) ба назар нарасид. Дар доираи таҳлили мушкилоти таҳқиқот нишон додани натиҷаҳои минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ аз манфиат холӣ набуд.

2. Гарчанде муаллиф дар рисолаи илмии худ баъзе ишораҳо кардааст, аммо дар масъалаи омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои беруна андешаронии муфассал нашудааст. Нишон додани натиҷаҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар ҷадвали муқоисавии махсус сифати кори илмиро боз ҳам хубтар мекард.

3. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафарзода Мунир Ватан сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сайфуллоев Хайрулло мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Сафарзода

Мунир Ватан иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 11 нафар устодону омӯгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «бетараф» - нест, «муқобил» - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 28-уми феврали соли 2024, №_6/3.

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявии кафедраи
педагогикаи умумии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Мансурова Ҷ. С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, — Сайфуллоев Хайрулло

Котиби ҷаласаи васеи
семинари илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Ф. А.

28.02.2024

Имзоҳои Ҷ. С. Мансурова, Сайфуллоев Хайрулло ва Ф. Арбобова-ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj.